«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____________ Раҳмон Д. С.
«18» феврали соли 2023

# ХУЛОСАИ

семинари илмӣ – методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Сафарзода Мунир Ватан 11.03.1987 дар шаҳри Кӯлоб дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 2010 филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб (ҳозира Донишкадаи технологияи ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб)-ро дараҷаи мутахассис хатм намуда, баъд аз панҷ соли фаъолият аз соли 2011 дар кафедраи информатика ва технологияи иттилоотии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси омӯзгор ба кор огоз кард. Сафарзода М.В. то инҷониб дар кафедраи илмҳои компютерии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият карда истодааст.

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор, Корманди Шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Алимӣ Ҷ.

Диссертатсияи Сафарзода М.В. дар ҷаласаи васеи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика баррасӣ гардида, сипас барои муҳокима дар семинари илмӣ-методии Раёсати илм ва инноватсияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод гардидааст. (Протоколи семинари илмӣ-

методии Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 18.02.2023, №1/1).

Диссертатсия мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ арзёбӣ гардида, дар шароити муосир ба таври мақсаднок ва босифату самарабахш таҳия шудааст. Дар шароити гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ тағйиротҳои сифатӣ дар соҳаҳои илм, рушди техника ва технология, аз ҷумла дар бахши таҳсилоти калонсолон торафт мураккаб мегардад. Нақши таҳсилоти калонсолон дар охири асри XX дар саросари кишварҳои ҷаҳон аз ҷиҳати қабулкунии таълимгирандагон ва дарки амиқи фаъолнокии равандҳои инноватсионӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар нимаи дуюми асри XX дар соҳаи ТК яке аз талаботҳои нави таҳсилот ташаккул ёфта, илми нави ТК - андрагогикаро ба миён овард, ки имрӯз босуръат рушд дорад. Асосҳои андрагогӣ ва усулҳои технологии ТК дар марҳилаи ташаккул ва рушд қарор дошта, аллакай ба тамоми соҳаи маориф таъсири худро расонидааст. Бо вуҷуди ин, андрагогика ҳанӯз пайдоиши низоми ҳамоҳангшудаи илмӣ ва мақоми ниҳоии худро ҳамчун яке аз илмҳои мустақили таълимӣ ҳанӯз ба пуррагӣ касб накардааст; асосҳои назариявӣ ва илмӣ-методологии он, натанҳо дар кишвари мо, балки дар кишварҳои хориҷ низ мавзӯи илмӣ - таҳқиқоти васеъ қарор нагирифтааст.

Дар адабиёти илмии тоҷик ба ғайр аз осори таҳқиқотӣ, андрагогика фақат объекти баррасиютавсфи профессор Ҷ. Алимӣ қарор гирифта, дар адабиёти илмии рус бошад, танҳо дар ду мақола: Б.М. Бим-Бад ва С.Г. Вершловский омӯхта шуда буд. Баъдтар таълимоти андрагогӣ ва калонсолон аз ҷониби муҳаққиқони сершумори рус ва бисёр дигарон амалӣ карда шуданд.

Дар хориҷа масъалаҳои ташаккул ва рушди андрагогика дар таълифоти Самоловчев В. баррасӣ гаштаанд. Дар нимаи дуюми асри XX, аз солҳои 50-60 сар карда, оид ба ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти калонсолон: ташкилӣ, фалсафӣ, сотсиологӣ, иҷтимоию психологӣ таҳқиқотҳои зиёд гузаронида шуданд. Дар асарҳои баъзе муаллифону

муҳаққиқон, аксаран хориҷӣ, солхои 50-60 низ баъзе масъалаҳои ташкили таълими калонсолон, асосан принсипхои дидактикию методии ТК (А.Д. Пинт, А.В. Даринский, М. Дуркб, Н.И. Бокарев, И. Лорде, Ҷ. Кидд, Г.Л. Миллер, Ҷ. МакКинли, Ф. Скререр, М. Семенский, Б. Морган, В. Самоловчев, Ф. Урбачик, Л. Турос). Аксарияти ин муаллифон таълими калонсолонро дар доираи педагогика баррасӣ намуда, баъзан ба вижагиҳои ТК дар педагогикаи калонсолон ишора мекунанд.

Солхои 1950-1960 дар асарҳои муҳаққиқони Югославия Д. Савичевич, М. Огрезович ва Б. Самоловчев, профессори машҳури олмонӣ Ф. Поггелер, назарияшиноси швейтсария Г. Ганселман, муҳаққиқони лаҳистонӣ Л. Турос, М. Семенский, истилоҳи «андрагогика” бори аввал пайдо шуд. Муаллифони мазкур кӯшиш кардаанд, ки тафовути байни андрагогика ва педагогикаро муайян кунанд.

Оғози ташаккули андрагогикаро ҳамчун илми мустақил метавон ба соли 1970 нисбат дод, ки асари бунёдии назарӣ ва амалии муҳаққиқи барҷастаи амрикоии таълими калонсолони М.Ш. Ноулз «Амалияи муосири таълими калонсолон» пайдо шуд. Аммо М.Ш. Ноулз на дар ин ва на дар таълифоти баъдӣ на принсипҳои бунёдӣ, на сохтори андрагогӣ ва на амсилаи андрагогии омӯзишро равшан муайян накардааст.

Дар солҳои минбаъдаи асри XX ба омӯзиши проблемаҳои алоҳидаи таълими калонсолон бахшида шуда корҳои зиёде анҷом дода шуданд. Муҳаққиқон ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир карданд: - таҳияи барномаҳо ва дастурҳо оид ба таҳсилоти калонсолон (Брундеж, Д.В. Вермайл, Р.Г. Багнал, Э.Ж. Бун, К. Гриффин, Д. Макерачер, А.Б. Кнокс, Ф. Рейс, П.А. МакЛаган); - фардикунонии таълими калонсолон (Д.М. Сабчевич, М.Ш. Ноулз, К.А. Туф, Т. Элсдон, С. Брукфилд,); - хусусиятҳои кори омӯзгорон дар таълими калонсолон (Э. Љонс, Д. Нойер, Ҷ. Пивето, М. Лен, А. Роҷерс); - хусусиятҳои хоси кори

донишомӯзони калонсол (Ю.Н .Кулюткин, Р. Коули, Л.И. Ансиферова, К.П. Кросс, Р. Гросс, Љ. Миллитан, М.Ш. Ноулз, Р. Кафарелла, С. Меррием, Г. Tietgens, R. Rogers, I. Weinberg, S.O. Haul); - принсипҳои хусусияти дидактикӣ ва методологии таълими калонсолон (Э. Ҷонс, С. Брукфилд, Г.В. Куйперс, К.Т. Элсдон Г. Юнг, Л.Н. Лесохина, М.В. Галбрейт, Г. Фрамм, Э. Дик, П. Пашка, И. Лорд, Р. Мукиелли, М. Ржегак, Ф. Поггелер, Ф. Урбанчик, Л. Турос); - таъмини шароит барои таҳсилоти калонсолон (Р. Пирс, Г.К. Хунсакер,); - ҳавасмандкунӣ дар раванди таълими калонсолон Р.Љ. Влодковски, Љ.В. Нолл); - тайёр кардани омӯзгорон-андрагогҳо дар ТК (К.Д. Легге, Л.Г. Годтс, Д. Савичевич, С.М. Грабовски, А.Г. Чарнли, К.Т. Элсдон Љ. Линч).

Зарурат ва ба мақсад мувофиқ будани ба вуҷуд овардан ва рушд додани асосҳои низоми илмӣ, ки дар он қонунҳои асосӣ, принсипҳои асосии таълими калонсолон ва тафовутҳои онҳо аз таълими калонсолон самараи таълими амалии калонсолонро хеле баланд мебардоранд, равшан ҳис карда мешуданд, махсусан дар илм ва дар амалияи таълими калонсолон. Ин масъала интихоби объект, предмет, ҳадафи таҳқиқоти муайян кард.

Бо назардошти нуктаҳои зикршуда, зарурати воқеии муқаррар намудани қонуниятҳо ва омилҳои пайдоиши андрагогика, таҳияи асосҳои назариявии он, рушди назария ва технологияи таълими калонсолон (ТТК) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва ошкор кардани асосҳои назариявӣ ва методологии андрагогика ҳамчун таълими мутасил (ТМ) ва санҷиши он дар амалия ба вуҷуд меояд.

Кори диссертатсионӣ иборат аз чунин навгониҳо мебошад:

Кори диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти ҷиддии проблемаҳои асосҳои андрагогии таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳсилот мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ, ки заминаи назариявии андрагогикаи муосир ва таълими калонсолонро ташкил медиҳанд, барои

рушди минбаъдаи таҳқиқот дар соҳаи таълими калонсолон аҳамияти муҳим доранд.

Дар таҳқиқ давраи рушди таълими андрагогии калонсолон ҷамъбаст гардида, сохтори хронологии он аҳамияти калон дорад, заминаи назариявиро барои ташкили амалии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ТК ва андрагогика, омода кардани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ, низоми такмили ихтисос ва азнавтайёркунии ҳайати педагогӣ, инчунин, роҳбарон ва равоншиносон, кормандони иҷтимоӣ, мушовирон ва дигар мутахассисоне, ки дар соҳаи калонсолон корӯ фаъолият мекунанд, бунёд мекунад.

Ақидаҳои назариявӣ ва хулосаҳое, ки дар шакли таҷриба мавҷуданд, барои таҳияи монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва дигар маводи илмию методӣ ҳамчун манбаи муҳим хизмат карда метавонанд.

- самтҳо ва далелҳое, ки мавқеъ ва нақши таълими ғайрирасмиро дар низоми такмили ихтисос тавсиф мекунанд, муайян карда шуданд;

- консепсияҳои назариявии фазои консептуалии таълими ғайрирасмии кадрҳои педагогӣ дар таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ мураттаб карда шуданд;

- методология ва назарияи таълими ғайрирасмӣ асоснок карда шуданд.

**Нуктаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод гаштаанд:**

1. Андрагогика ҳамчун илм дар бораи таълими калонсолон илме мустақил ва дар байни илмҳои марбут ба таълим нисбатан нав буда, мақсади он таълиму тарбияи калонсолон мебошад. Андрагогика, ки мавзӯи асосии он ташкили раванди таълими калонсолон мебошад, амсилаи фаъолияти хонандагон ва педагогонро дар ташкили раванди таълим меомӯзад ва муайян менамояд. Сохтори андрагогика аз назарияи таълими калонсолон, таърихи рушди консепсияҳо ва ғояҳои андрагогӣ, технологияҳои таълими калонсолон иборат аст.

2. Ташаккули андрагогика ҳамчун илми мустақил дар нимаи дуюми асри XX натиҷаи табиии рушди соҳаи маориф ва ҳам илмҳои мухталиф дар бораи инсон (фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология) ва маориф (педагогика, маориф, иқтисод, фалсафаи таълим, сотсиологияи таълим) буд. Пойдевори ташаккули андрагогика ҳамчун як илми мустақил дар асарҳои назариявӣ ва амалии таълими калонсолони мутафаккири амрикоӣ М.Ш. Ноулз гузошта шудааст.

3. Нуқтаи огоз барои андрагогика ҳафт мавқеъ мебошад, ки аз хусусиятҳои психофизиологӣ, иҷтимоии касбии омӯзандагони калонсол ва шароити махсуси таҳсилоти онҳо вобаста аст: 1) хонандагони калонсол ба мустақилият, худидоракунӣ мекӯшанд ва худро чунин эътироф мекунанд; 2) онҳо таҷрибаи ҳаётӣ доранд, ки ҳамчун манбаи муҳимми таълим истифода мешавад; 3) онҳо барои ҳалли мушкилоти муҳимми ҳаётӣ омӯзонида шудаанд; 4) онҳо ба истифодаи мустақими малакаҳо, донишҳо ва сифатҳои ҳосилшуда такя мекунанд; 5) фаъолияти таълимии онҳо тавассути омилҳои муваққатӣ, фазоӣ, дохилӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ зоҳир мегардад; 6) онҳо дар раванди таълим нақши роҳбарикунанда доранд; 7) раванди таълим дар шакли фаъолияти муштараки хонандагон ва педагогон дар ҳама марҳилаҳои он ташкил карда шудааст.

4. Амсилаи таълими андрагогӣ маҷмӯи низомҳои қонунгузории асосиро намояндагӣ мекунад, ки ташкили фаъолияти омӯзандаи калонсол ва мураббиро барои ҷорӣ намудани таълим, ки аз рӯи панҷ хосиятҳои асосӣ гурӯҳбандӣ шудааст, танзим менамояд: 1) худогоҳии хонанда; 2) таҷрибаи хонанда; 3) ҳавасмандӣ ва ҳадафҳои таълими хонандаи калонсол; 4) истифодаи донишҳои азхудкардаи хонанда; 5) малакаҳо ва сифатҳо; 6) иштирок дар ташкили раванди таълим. Ин амсила аз амсилаи педагогии таълим фарқиятҳои худро дорад.

5. Амсила ба принсипҳои асосии андрагогии таълим, ки ба таври мухтасар (тезис) ифода шудаанд, асос ёфтааст: афзалияти фаъолияти мустақилонаи калонсолон, фаъолияти муштараки онҳо ва педагог,

вобастагӣ аз таҷрибаи хонанда, фардикунонӣ, низомӣ, контекстуалӣ, интихобӣ, воқифии маърифатӣ, таҷдиди натиҷаҳои омӯзиш, рушди эҳтиёҷоти таълимӣ.

6. Методологияи ТК низоми аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи амалҳои хонандагони калонсол ва педагогон мебошад, ки ба онҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои таълимӣ кумак мерасонад. Он дар амалия аз ҷониби хонандагони калонсол ва педагогон (андрологҳо) дар шакли амалиёти муайян, амалҳо ва вазифаҳои техникӣ дар ҳар яке аз шаш марҳилаи ҷараёни таълим иҷро карда мешавад: 1) ташхис; 2) банақшагирӣ; 3) фароҳам овардани шароит; 4) татбиқсозӣ; 5) баҳодиҳӣ ва 6) ислоҳи раванди таълим. Ин низоми амалҳо ва вазифаҳои хонандагон ва педагогон аз низоми амалии хонанда ва педагог бо амсилаи педагогии таълим фарқ мекунад.

7. Амсила фаъолияти дастурдиҳандаи андролог маҷмӯи амалҳо ва вазифаҳои муайяне мебошад, ки дастурдиҳанда дар ҳар як марҳилаи раванди таълим онро аз бар менамояд. Ин амалҳо ва вазифаҳо аз фаъолияти муаллим-хонанда хусусиятҳо ва фарқиятҳои худро доранд.

8. Амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳанда - андролог асоснок карда шуда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, тамоюлоти арзишии педагоги андролог, ки намунаи салоҳияти ӯ мебошад, муайян карда шудаанд. Ин параметрҳои салоҳият инчунин, аз салоҳияти муаллим – педагог фарқ мекунанд.

9. Омодасозии педагог - андрологи салоҳиятнок коркарди малакаҳо, дониш ва сифатҳои дар боло зикргардида, омӯхтани як қатор фанҳои таълимии дар амалия натиҷабахшро талаб мекунад.

Бо назардошти хулосаю пешниҳодоти рисолаи илмӣ, зимни асоснокқунӣ метавон чунин натиҷагирӣ кард: - таълими ғайрирасмӣ тавсеа ёфта, дар ин замина таҳаввулоти ғояҳо ошкор карда шудаанд, ки бахри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меоранд, то ҷанбаҳои гуногуни таълими ғайрирасмӣ муайян гардида, бо такя ба

назарияи фалсафӣ ва антропологии муоширaт ҳамчун як шакли фаъолияти иртиботӣ-муоширатӣ дар раванди таълим баррасӣ шавад; - ҳамоҳангсозии чанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар таълими калонсолон пешбинӣ шудааст, дар назарияи таълими ғайрирасмӣ пешниҳод шудааст; - ба сифати калиди методологӣ истифода шудани назарияи фалсафӣ ва антропологии иртиботу муошират барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии таълими ғайрирасмӣ асоснок карда шудааст, ки тибқи он ин навъи таълим фаъолияти иртиботӣ-муоширатӣ ҳисобида мешавад; - ҷузъҳои таълими ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти иртиботӣ-муоширатӣ муайян карда мешавад (робита, мақсад, мавзуи муошират, эҳтиёҷот ба муошират, ҳавасмандии иртиботӣ-муоширатӣ, фаъолияти иртиботӣ, вазифаҳои муоширатӣ, воситаҳои алоқа, воситаҳои иртиботӣ); - таҷзияи се гурӯҳи принсипҳо (андрагогӣ, эвтагологӣ, принсипҳои таҳсилоти инноватсионии муттасил) пешниҳод карда мешавад, ки имкон медиҳад ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва ҳам дидактикии падидаи мавриди омӯзиш ҳамчун асос барои дониши нави назариявии таълими ғайрирасмӣ ба назар гирифта шаванд; - ҷузъҳои назарияи таълими ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дар заминаи антропологияи фалсафӣ баррасӣ карда мешаванд; - муносибатҳои методологӣ, қонуниятҳо, омилҳо, тамоюлҳо, самтҳо ва масъалаҳои марбут ба таълими мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд; - ҷанбаи дидактикии таълими ғайрирасмӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, таъсири он ба интихоби усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои ташкили ҷараёни таълими педагогон нишон дода шудааст.

Мазмӯн ва муҳтавои автореферат бо нуқтаҳои асосии диссертатсия, хулосаҳо ва натиҷаҳои он мувофиқат карда, пурра онҳоро ифода мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар монографияҳо,васоити таълимӣ-методӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурда маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмиллалӣ, семинарҳои илмӣ, ҳамчунин дар дигар

ҷаласаҳои факултетҳо ва кафедраҳои омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ инъикос ёфтаанд.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар интишороти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:

**а) Монографияҳои илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ:**

[1-М]. ***Сафаров, М. В.*** Теоретические аспекты повышения квалификации кадров и андрагогика (на примере Республики Таджикистан): Монография [Текст] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Промэкспо», 2016. – 151 с.

[2-М]. ***Сафаров, М. В.*** Технология развития неформального образования: Монография [Текст] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Промэкспо», 2017. – 176 с.

[3-М] ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика (таҳсилоти идоманоку ғайрирасмӣ) (ҳаммуаллиф): Монография [Матн] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Адабиёти бачагона», 2017. – 175 с.

[4-М] ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика (сущность и содержание): Монография [Текст] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Адабиёт», 2018. – 100 с.

[5–М] ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика: ташаккул, хусусиятҳо ва асосҳои назариявӣ: Монография [Матн] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Матбаа», 2021. – 111 с.

[6–М] ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика: фактор совершенствования человека [Текст] // М.В. Сафаров. – Душанбе, «Адабиёт», 2016. – 164 с.

[7–М] ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика: фактор совершенствования человека: Методическое пособие [Текст] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Детская литература», 2016. – 230 с.

[8–М] ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика (таҳсилоти идоманоку ғайрирасмӣ) [Текст] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Адабиёти бачагона», 2017. – 175 с.

[9–М] ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика (теория и практика) [Текст] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Адабиёт», 2018. – 120 с.

[10–М] ***Сафаров, М. В.*** Асосҳои технологияи таълими калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Матбаа», 2020. – 68 с.

[11–М] ***Сафаров, М. В.*** Назария ва методикаи таълими расмӣ ва ғайрирасмӣ [Матн] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Нушбод», 2021. – 79 с.

**б) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР чоп шудаанд:**

[1-М]. ***Сафарзода, М. В.*** Андрагогика: Ҷанбаҳои рушди таълими ғайрирасмӣ ва такмили тахассус [Матн] / М.В. Сафарзода, А.М. Мирализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (26). – С. 95-103. – ISSN 2616-5260.

[2-М]. ***Сафаров, М. В.*** Амсилаҳои андрагогии таълим [Текст] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С. 88-91. – ISSN 2219-5408.

[3-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика: моҳият, ҳадаф ва мазмун [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3\5. – С. 259-262. – ISSN2074-1847.

[4-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогический подход к адаптационным системам образования взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник педагогического университета имени С. Айни. – Душанбе, 2017. – №5 (72). – С. 29-33. – ISSN 2219-5408.

[5-М]. ***Сафаров, М. В.*** Асосҳои андрагогии рушди касбии шахсият [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2018. – №3 (75). – С. 141-145. – ISSN 2219-5408.

[6-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика-педагогикаи инноватсионӣ [Текст] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3/4. – С. 295-297. – ISSN2074-1847.

[7-М]. ***Сафаров, М. В.*** Главные направления совершенствования образования в новых условиях [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – №7. – С. 220-225. – ISSN2074-1847.

[8-М]. ***Сафаров, М. В.*** Дети и вопросы дополнительного образования [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2017. – №1/4 (49). – С. 158-162. – ISSN 2309-6764.

[9-М]. ***Сафаров, М. В.*** Истифодаи технологияи педагогӣ ва усулҳои гуногуни таълими ғайрирасмӣ [Матн] / М.В. Сафаров, А.М. Мирализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 161-169. – ISSN2074-1847.

[10-М]. ***Сафаров, М. В.*** Марҳилаҳои рушди назария ва амалияи таълими калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айни. – Душанбе, 2018. – №1 (73). – С. 56-63. – ISSN 2219-5408.

[11-М]. ***Сафаров, М. В.*** Масъалаҳои муҳимми истифодаи андрагогика дар ташкили ҷараёни таълим дар мактабҳои олӣ [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №10 (1). – С. 303-306. – ISSN2074-1847.

[12-М]. ***Сафаров, М. В.*** Моделҳои андрагогии таълим [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айни. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С. 88-91. – ISSN 2219-5408.

[13-М]. ***Сафаров, М. В.*** Назария ва методҳои таълими расмӣ, ғайрирасмӣ ва информалии калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров, А.М. Мирализода //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 267-274. – ISSN2074-1847.

[14-М]. ***Сафаров, М. В.*** Неформальное образование и Европа (в соавторстве) [Текст] / М.В. Сафаров, Дж. Алими // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – Душанбе, 2017. – №1/4 (49). – С. 113-117. – ISSN 2309-6764.

[15-М]. ***Сафаров, М. В.*** Неформальное образование и образование для взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 203-207. – ISSN2074-1847.

[16-М]. ***Сафаров, М. В.*** Педагогика ва андрагогика [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №2. – С. 224-226. ISSN2074-1847.

[17-М]. ***Сафаров, М. В.*** Педагогические аспекты социализация [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2016. – №3/7 (214). – С. 317-319. – ISSN2074-1847.

[18-М]. ***Сафаров, М. В.*** Принсипҳои асосии андрагогика [Текст] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3\7. – С. 213-215. – ISSN2074-1847.

[19-М]. ***Сафаров, М. В.*** Рушди таълими калонсолон дар шароити нави ҷаҳонишавӣ [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 290-293. – ISSN2074-1847.

[20-М]. ***Сафаров, М. В.*** Система непрерывного образования и обучение взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – №1. – С. 285-290. – ISSN2074-1847.

[21-М]. ***Сафаров, М. В.*** Социокультурная модернизация и неформальное образование взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 219-224. – ISSN2074-1847.

[22-М]. ***Сафаров, М. В.*** Статус андрагогики в системе человекознания [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник педагогического университета имени С. Айни. – Душанбе, 2017. – №4 (71). – С. 25-29. – ISSN 2219-5408.

[23-М]. ***Сафаров, М. В.*** Таълими калонсолон соҳаи пешбурди рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №7. – С. 196-203. – ISSN 2074-1847.

[24-М]. ***Сафаров, М. В.*** Таълими модулӣ ҳамчун технология ва шакли таълими калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғон-Теппа ба номи Носири Хусрав. – Душанбе, 2018. – №1/2 (53). – С. 106-109. – ISSN 2309-6764.

[25-М]. ***Сафаров, М. В.*** Технология обучения взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – Душанбе, 2018. – №1/1 (51). – С. 99-105. – ISSN 2309-6764.

[26-М]. ***Сафаров, М. В.*** Таълими калонсолон соҳаи пешбурди рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон). – Душанбе, 2021. – №7. – С. 196-203. – ISSN 2074-1847.

[27-М]. ***Сафаров, М. В.*** Усулҳои андрагогии таълим ва такмили тахассус [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №8. – С. 259-262. – ISSN 2074-1847.

[28-М]. ***Сафаров, М. В.*** Усулҳои анъанавӣ ва инноватсионии таҳсилот [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 277-280. – ISSN2074-1847.

[29-М]. ***Сафаров, М. В.*** Ҷанбаҳои дидактикии таълими ғайрирасмӣ дар системаи такмили ихтисос [Матн] / М.В. Сафаров, А.М. Мирализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 270-279. – ISSN2074-1847.

[30-М]. ***Сафаров, М. В.*** Шахси калонсол-субъекти таълим [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айни. – Душанбе, 2017. – №3 (70). – С. 31-36. – ISSN 2219-5408.

**в) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрия ва пойгоҳи eLibrary.ru ба табъ расидаанд:**

[31-М]. ***Сафаров, М. В.*** Взаимодействие формального, неформального и инфернального образования [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. – Душанбе, 2018. – №1 (18). – С. 16-21. – ISSN 2616-5260.

[32-М]. ***Сафаров, М. В.*** Нақши таълими ғайрирасмӣ дар ташаккул ва рушди такмили тахассуси калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Душанбе, 2021. – №1 (25). – С. 95-103. – ISSN 2616-5260.

[33-М]. ***Сафаров, М. В.*** Факторы и тенденции системы неформального образования педагогических кадров [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. – Душанбе, 2018. – №2 (19). – С. 9-15. – ISSN 2616-5260.

[34-М]. ***Сафаров, М. В.*** Рушди сафати таълим ва андрагогика [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Душанбе, 2019. – №2 (23). – С. 11-18. – ISSN 2616-5260.

**г) Мақолаҳое, ки дар маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд:**

[35-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика-неформальное в образования [Текст] / М.В. Сафаров // Республиканской научно-теоретической конференции на тему «Роль и значения дистанционного образования в условиях возникновения и распространения инфекционных заболеваний» посвященная 30-летию государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021. – С. 108-110.

[36-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика ва нақши он дар рушди сифати таълим [Текст] / М.В. Сафаров // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону педагогон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, бахшида ба огози даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор 2018-2028» ва «140-солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ». – Душанбе, 2018. – С. 175-178.

[37-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика и бизнес-школы [Текст] / М.В. Сафаров // Сборник научных статьей. Формирование кластерной политики как основы инновационной ориентированности и конкурентоспособности региона. – Куляб, 2018. – С. 232-236.

[38-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика-повышение квалификации [Текст] / М.В. Сафаров //Республиканского научно-практического семинара конференции на тему «управление человеческого капитала, изобретения и инновации как основа обеспечения экономического роста страны в современных условиях». – Душанбе, 2021. – С. 105-109.

[39-М]. ***Сафаров, М. В.*** Глобализации и развитие образования взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Материалы научно-теоретической конференции преподавателей и студентов по результатам научно-исследовательской работы за 2018 год, посвящённый 2019-2021 гг. «Годы развития села, туризма и народных ремёсл». – Душанбе. 2019. – С. 15-18.

[40-М]. ***Сафаров, М. В.*** Интеграция формального и неформального образования [Текст] / М.В. Сафаров // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Рациональное использование водных ресурсов и его значение в развитии разлычных отраслей народного хозяйства стран» посвященному международному десятилетию действий. «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы». – Душанбе, 2021. – С. 266-274.

[41-М]. ***Сафаров, М. В.*** Масъалаҳои методологии рушди назарияи «таълими ғайрирасмӣ» тибқи назарияи фалсафӣ-антропологӣ ва коммуникатсионӣ [Матн] / М.В. Сафаров // Маводи конференсияияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ғояҳои таҳаввулотгарони умумиҷаҳонӣ дар фалсафаи илми муосир». – 2020. – С. 64-74.

[42-М]. *Сафаров, М. В.* Образование и социологическая наука [Текст] / М.В. Сафаров // Материалы научно-теоретической конференции «Развитие образования Республики Таджикистан в период независимости», посвященная 70-летию д.и.н., проффессора Абдуллоева М.Х. – Куляб, 2018. – С. 295-305.

[43-М]. *Сафаров, М. В.* Педагогони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва андрагогика [Матн] / М.В. Сафаров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Тарбия ва тайёр намудани муаллимони математика дар мактабҳои олии педагогии Тоҷикистон дар шароити имрӯза» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ислом Ғуломов. – Кӯлоб, 2019. – С. 147-150.

[44-М]. *Сафаров, М. В.* Омӯзиши усулҳои андрагогика дар шароити нави иқтисодӣ [Матн] / М.В. Сафаров // Ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таълимӣ-омили муҳимми баланд бардоштани сифати таълим (маҷмуаи илмии конфренсияи илмии байналмилалӣ). – Хуҷанд, 2018. – С. 367-370.

[45-М]. *Сафаров, М. В.* Развитие образования взрослых в новых условиях глобализации [Текст] / М.В. Сафаров // Материалы Республиканской научно-теоретичекой конференции на тему «Молодёж и вопросы финансового развития общества». – Куляб, 2017. – С. 169-173.

[46-М]. *Сафаров, М. В.* Система непрерывного образования, андрагогика и обучение взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Научное обозрение: гуманитарные исследования 18-19-2017_педагогика. – Душанбе, 2017. – С. 5-7. – ISSN2226-0234.

[47-М]. *Сафаров, М. В.* Таҳсили калонсолон ва заминаҳои ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.В. Сафаров // Маводи онлайн видео конференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар» 13 ноябр (2020). – Душанбе, 2020. – С. 164-170.

[48-М]. *Сафаров, М. В.* Таҳсилоти ғайрирасмӣ: манбаъ, анъана ва навгониҳо [Матн] / М.В. Сафаров // Маводи конфересияи илмӣ-назариявии олимону педагогон ва донишҷӯёни доир ба ҷамъбасти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соли 2016 (бахшида ба 20–солагии Ваҳдати миллӣ). – Кӯлоб, 2017. – С. 72-77.

[49-М]. *Сафаров, М. В.* Ташаккули хусусиятҳо ва асосҳои назариявии андрагогика [Матн] / М.В. Сафаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2020). – Кӯлоб, 2021. – С. 326-329.

[50-М]. *Сафаров, М. В.* Таълими анъанавӣ ва интерактивӣ [Матн] / М.В. Сафаров // Маҷаллаи илмӣ-оммавии «Илм ва технологияи асри XXI» Донишкадаи технологияи ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. – Кӯлоб, 2020. – №1 (1). – С. 21-26. – ISSN 2709-7676.

[51-М]. *Сафаров, М. В.* Таълими калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Мушкилот ва омилҳои рушди он [Матн] / М.В. Сафаров // Маводи конференсияияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021). – Кӯлоб, 2021. – С.107-111.

Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни семинари илмӣ - методии Раёсати илм ва инноватсияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи педагогика Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии мустақилона бааҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи педагогика Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ ва ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи педагогика Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя дар Шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби семинари илмӣ - методии раёсати илм ва инноватсияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, н.и.п., и.в. дотсент Сироҷиддини Д. мураттаб шуда, дар семинари илмӣ - методии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 18-ҳуми феврали соли 2023, протоколи №1/1 қабул карда шудааст.

Дар семинари илмӣ - методии Раёсати илм ва инноватсия 21 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 21 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунандаи семинари илмӣ - методии Раёсати илм ва инноватсияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, д.и.п., профессор: Ғуломов И.

Муқарризон:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Мирзоев С.С.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Иззатова М.И.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори Академияи таҳсилоти Тоҷикистон: Шербоев С.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Бозоров Х.

Котиби семинари илмӣ -методӣ, н.и.п., и.в. дотсент: Сироҷиддини Д.

Маълумот барои тамос:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб,
к. С. Сафаров 16, ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

*Имзои Ғуломов И., Мирзоев С.С., Иззатова М.Й., Шербоев С., Бозоров Х. ва Сироҷиддини Д.– ро тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ ДДК ба номи А. Рӯдакӣ:* *Амиров Ф.А.*